ҚАРОРИ
ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
№74
аз 30 ноябри соли 2015 ш.Душанбе

Оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ
(бо тағйироте, ки бо қарори Пленум
аз 14 июни соли 2018, №36 ворид гардидааст)

Бо мақсади ҷорӣ намудани таҷрибаи якхела ва татбиқи дурусти қонунгузорӣ ҳангоми таъини чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

Қ а р о р к а р д:

1. Диққати мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, судҳо ба он равона карда шавад, ки зимни татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятиро қатъиян риоя намоянд. Ҳангоми ҳалли масъалаҳои алоҳидаи ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ алоқаманд**, Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» минбаъд (Кодекси тандурустӣ), қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ**, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба роҳбарӣ гирифта шуда, аз ҷумла, Қоидаҳои ҳадди ақали стандартҳои муносибат бо маҳбусон (дар Конгресси якуми СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва муносибат бо ҳуқуқвайронкунандаҳо аз 30 августи соли 1955 қабул гардидааст) муқарраротро оид ба он ки «Шахсони гирифтори бемории руҳӣ донисташуда, набояд дар ҳабсхона нигоҳ дошта шаванд, бинобар ин бояд ҷиҳати ҳарчи зудтар ба муассисаҳои барои беморони руҳӣ таъингардида гузаронидани онҳо тадбирҳо андешид», пешбинӣ менамояд (қоида 82.1) риоя карда шаванд.

Дар вақти ҳалли масъалаҳо вобаста ба тағйир додан, дароз кардан ва қатъ намудани татбиқи чораҳои маҷбурии дорои

хусусияти тиббӣ нисбати шахсоне, ки мутобиқи Конвенсия дар бораи супоридани шахсони гирифтори бемории руҳӣ барои табобати маҷбурӣ (аз 28 марти соли 1997, ш.Москва) ба Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шудаанд, ба судҳо зарур аст, ки муқаррароти Конвенсияи номбурдаро ба инобат гиранд.

2. Чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ чораҳои хусусияти ҷиноятӣ-ҳуқуқидошта мебошанд ва метавонанд нисбати шахсоне таъин гарданд, ки кирдорҳои дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ) пешбинишударо дар ҳолати номукаллафӣ ё ҷой доштани мукаллафии маҳдуд содир кардаанд ва ё пас аз содир намудани ҷиноят мубталои бемориҳои руҳие гардидаанд, ки таъин ё иҷрои ҷазоро имконнопазир месозанд, ё ҷиноят содир намуда, муҳтоҷи табобат аз майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикомания ва бемории сил мебошанд.

Мақсади татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ аз мақсади ҷазо тафовут дошта, он аз муолиҷаи шахсони дар қисми 1 моддаи 97 КҶ зикргардида ё беҳбудии ҳолати руҳии онҳо, инчунин пешгирии кирдорҳои нави дар қисми махсуси КҶ пешбинигардида, ки метавонад аз ҷониби онҳо содир шавад, иборат мебошад.

Татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ танҳо баъд аз гузаронидани тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судӣ имконпазир аст.

3. Шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд ва ба бемории руҳӣ гирифторанд, ки он мукаллафиро истисно намекунад (мукаллафии маҳдуд) аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда намешаванд. Агар ҳолати руҳии онҳо табобатро талаб кунад, суд дар баробари таъини ҷазо барои ҷинояти содиркардаашон ба онҳо чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро низ якҷоя татбиқ менамояд.

Шахси ҳангоми содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок дар ҳолати номукаллафӣ қарордошта, ки бар асари бемории руҳии доимӣ, парешонии муваққатии руҳӣ, заъфи ақл ва ё ҳолати дигари бемории руҳӣ хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк ё онро идора карда наметавонист, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Ба ӯ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббии дар КҶ пешбинигардидаро таъин кардан мумкин аст.

Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки нисбати шахси дар ҳолати номукаллафӣ кирдори барои ҷамъият хавфнок содирнамуда қарор дар бораи ба

ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда бароварда намешавад, чораи пешгирӣ татбиқ намегардад, доир ба парванда фикри айбдоркунӣ тартиб дода намешавад.

Шахсе, ки пас аз содир намудани ҷиноят мубталои бемории руҳӣ гардидааст, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда намешавад. Чунин шахс мумкин аст аз ҷазо (агар баъди содир намудани ҷиноят, вале то баровардани ҳукм ба бемории руҳӣ гирифтор шуда бошад) ё аз адои минбаъдаи ҷазо (агар дар вақти адои ҷазо мубталои бемории руҳӣ шуда бошад) озод карда шавад.

Дар ҳолати шифо ёфтанаш мумкин аст шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида ё ҷазо дода шавад, агар муҳлатҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва иҷрои ҳукми айбдоркунанда нагузашта бошанд (моддаҳои 75 ва 81 КҶ).

4. Чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро суд дар намуди назорати маҷбурии амбулаторӣ ва табобат дар назди духтури бемориҳои руҳӣ (психиатр), табобати маҷбурӣ дар шифохонаҳои бемориҳои руҳӣ (умумӣ, махсусгардонидашуда ё махсусгардонидашудаи таҳти назорати пуршиддат) таъин карда метавонад (қисми 1 моддаи 98 КҶ).

Пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба шахси дар ҳолати мукаллафӣ ҷиноят содирнамуда, ки ба табобат аз майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикомания, бемории сил ва ё бемориҳои руҳии мукаллафиро истиснонакунанда эҳтиёҷ дорад ба тариқи умумӣ сурат мегирад. Нисбати чунин шахс ҳангоми қабули ҳукм дар баробари ҷазо суд метавонад чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббиро дар намуди назорати маҷбурии амбулаторӣ ва табобат дар назди духтури бемориҳои руҳӣ таъин намояд, ки дар ин бора бояд дар қисми хулосавии ҳукм дарҷ карда шавад.

Табобати маҷбурии шахсони ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда маҳкумгардида, ба зиммаи мақомоти тандурустии ҷойи истиқомат, ки кӯмаки амбулатории тиббӣ, психиатрӣ ва наркологӣ мерасонанд, вогузор карда мешавад.

Назоратро аз болои табобати маҷбурии чунин шахсон мақоми иҷрокунандаи ҳукм якҷоя бо иҷрои ҷазо амалӣ мекунад.

5. Намуди чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ бо дарназардошти талаботи моддаҳои 98 ва 99 КҶ таъин карда мешавад. Ҳангоми муайян кардани намуди чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ нисбати шахсони дар бандҳои «а» ва «б» қисми 1 моддаи 97 КҶ зикргардида, судҳо бояд хусусият ва

дараҷаи вазнинии бемории руҳӣ, хавфнок будани шахс барои худ ё шахсони дигар, ё аз тарафи ӯ мавҷуд будани эҳтимолияти расонидани зарари ҷиддии дигарро ба инобат гирифта, қарори қабулнамударо бо хулосаи коршинос оид ба ҳолати руҳии шахс ва дигар далелҳои аз рӯи парванда ҷамъовардашуда асоснок намоянд.

Дар шифохонаҳои махсусгардонидашуда ва махсусгардонидашудаи бемориҳои руҳӣ таҳти назорати пуршиддат танҳо шахсоне, ки аз рӯи ҳолати руҳии худ мутаносибан назорати доимиро ё ин ки барои худи шахс ё шахсони дигар махсусан хавфнок буда, назорати доимию пуршиддатро талаб мекунанд, ҷойгир карда мешаванд (қисмҳои 4 ва 5 моддаи 99 КҶ).

6. Ҳангоми ворид гардидани парванда оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ, агар асосҳои барои баррасии он монеашаванда мавҷуд набошад, судя дар бораи таъини маҷлиси суд қарор бароварда, ҳамзамон дар он масъалаҳои дар қисми 2 моддаи 263 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ) пешбинишударо ҳал менамояд.

Шахсе, ки нисбаташ парванда оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ пеш бурда мешавад ва намояндаи ӯ, бояд аз ҷой ва вақти муҳокимаи судӣ огоҳ карда шавад, то ин ки аз ҳуқуқҳои худ дар бораи пешниҳоди дархост (шахсан шинос шудан бо маводи парванда, иштирок кардан дар муҳокимаи судӣ ва ғайра) истифода бурда, дигар ҳуқуқҳои кафолатдодаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро амалӣ карда тавонад.

7. Ба шахси нисбаташ парванда оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ баррасишаванда, ки дар маҷлиси судӣ иштирок менамояд, бояд ҳуқуқҳои мурофиавии дар моддаи 47 КМҶ пешбинигардида фаҳмонида, барои амалӣ намудани ин ҳуқуқҳо шароит муҳайё карда шавад.

Нишондоди ин шахс аз ҷониби суд метавонад ҳангоми баҳо додан ба ҳолати руҳии ӯ, инчунин хавфнок буданаш барои худ ё шахсони дигар, ё эҳтимолияти аз тарафи ӯ расонида шудани зарари ҷиддии дигар, муайян кардани намуди чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дар муқоиса бо дигар далелҳои аз рӯи парванда ҷамъовардашуда ба инобат гирифта шавад.

8. Дар ҷараёни мурофиаи судӣ бояд масъалаҳое, ки дар моддаи 448 КМҶ пешбинӣ шудаанд, аз ҷумла оё бемории

руҳии шахс ба худи ӯ ё шахсони дигар хавф дорад ва ё имкони расонидани зарари дигари ҷиддӣ аз ҷониби ӯ мавҷуд аст ё не таҳқиқ ва ҳал карда шаванд.

Ба хавфнок будани шахс барои худ ё шахсони дигар ё мавҷуд будани хавфи аз тарафи ӯ расонидани зарари ҷиддии дигар ҳолатҳои зерин, аз ҷумла, хусусияти бемории руҳӣ, ки бо хулосаи экспертизаи судии равонпизишкӣ тасдиқ шудааст, майли ӯ ба содир кардани ҳаракатҳои зӯроварӣ нисбати дигарон ё расонидани зарар ба худ (расонидани зарари ҷисмонӣ, сӯиқасд ба худкушӣ, оташзанӣ ва ғайра), содир кардани дигар ҳаракатҳои ба ҷамъият хавфнок (тасарруфи молу мулки ғайр, несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк бо роҳи оташ задан ё дигар усули хавфи умумидошта ва ғайра), инчунин инкишофи ҷисмонии шахс, ки аз рӯи он баҳо додан мумкин аст, ки ӯ имконият дорад ниятҳои ба ҷамъият хавфнокашро амалӣ намояд, шаҳодат дода метавонанд.

Агар аз рӯи парванда оид ба ҳолати руҳии гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда дар масъалаи мукаллафӣ ё қобилияти онҳо бобати ҳимояи мустақилонаи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуниашон дар мурофиаи ҷиноятӣ шубҳа ба миён ояд, таъин ва гузаронидани экспертизаи судии равонпизишкӣ ҳатмӣ мебошад (сархати 4 моддаи 209 КМҶ).

Ба ҳолатҳои шубҳаовар аз ҷумла мансубанд:

- мавҷуд будани маълумот дар бораи он ки ба шахс қаблан ёрии тиббии равонпизишкӣ расонида шудааст (аз ҷониби табибон муайян кардани мавҷудияти бемории руҳӣ, расонидани ёрии равонпизишкии амбулаторӣ, ҷойгир кардан дар шифохонаи бемориҳои руҳӣ, бо парвандаи ҷиноятии дигар номукаллаф эътироф намудан, аз рӯи ҳолати солимии руҳиаш ғайриқобили хизмати ҳарбӣ дониста шуданаш);

- дар муассисаҳои таълимии махсуси барои шахсони иллати равонидошта будан, қаблан ҷароҳати косахонаи сар бардоштан, ҳамчунин аҷоибии рафтор ва гуфтораш, ки аз эҳтимолияти ба бемории руҳӣ гирифтор будан шаҳодат медиҳад, гуфтаҳояш оид ба эҳсоси номуқаррарӣ будани ҳолати руҳиаш.

Ҳангоми таъини экспертизаи судии равонпизишкӣ бояд дар назди коршинос тавре масъалагузорӣ карда шавад, ки муайян намудани хусусият ва дараҷаи вайроншавии ҳолати руҳии шахс ҳангоми содир кардани кирдори ба ҷамъият хавфнок, дар рафти тафтиши пешакӣ ё баррасии судӣ имконпазир бошад. Дар баробари дигар саволҳое, ки ҷавоби онҳо барои ҳалли парванда аҳамият доранд, дар назди

коршинос инчунин саволҳое низ бояд гузошта шаванд, ки оё шахс дар давраҳои зикршуда метавонист хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии кирдори (ҳаракати ё беҳаракатии) худро дарк ё идора намояд, оё бемории руҳии шахс ба худи ӯ ва шахсони дигар махсусан хавфнок мебошад, оё ин шахс ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ (кадом намуд) эҳтиёҷ дорад, оё вобаста ба хусусият ва дараҷаи бемории руҳӣ шахс ҳуқуқҳои мурофиавиашро бевосита амалӣ карда метавонад.

9. Масъалаҳои алоқаманд ба ҳолати руҳии шахс, ки нисбаташ пешбурд оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ гузаронида мешавад, бояд аз ҷониби судҳо мавриди таҳқиқи ҳаматарафа ва баҳодиҳӣ қарор дода шаванд.

Ҳангоми нофаҳмо ё нопурра будани хулосаи экспертизаи судии равонпизишкӣ, инчунин ба миён омадани масъалаҳои нав нисбати ҳолатҳои қаблан таҳқиқшуда, мумкин аст экспертизаи иловагӣ таъин карда, иҷрои он ба ҳамон коршинос ё коршиноси дигар супурда шавад. Дар ҳолати беасос будани хулосаи коршинос ё ба миён омадани шубҳа оид ба дурустии он экспертизаи такрорӣ таъин намудан мумкин аст, ки гузаронидани он ба коршинос ё коршиносони дигар супурда мешавад (моддаи 220 КМҶ).

10. Дар муассисаи давлатии тиббӣ (шифохонаи бемориҳои руҳӣ) барои гузаронидани экспертизаи судии равонпизишкӣ ҷойгир кардани гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшавандае, ки дар ҳабс нигоҳ дошта мешаванд, бо тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои 111 ва 216 КМҶ сурат мегирад.

Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, судҳо бояд ба инобат гиранд, ки агар гумонбаршуда ё айбдоршаванда дар ҳабс набошад, ҷой кардани ӯ дар муассисаи бемориҳои руҳӣ танҳо бо иҷозати суд роҳ дода мешавад (моддаҳои 35 ва 216 КМҶ).

Аз қарор ё таъинот дар бораи ҷойгир кардани гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда дар муассисаи давлатии тиббӣ (шифохонаи бемориҳои руҳӣ) ё дароз кардани муҳлати нигоҳ доштан дар он бо тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои 119, 125, 359 КМҶ шикоят ё эътироз овардан мумкин аст.

11. Агар ҳангоми гузаронидани экспертизаи судии равонпизишкии дар рафти муҳокимаи судӣ таъингардида муқаррар карда шавад, ки судшаванда ба парешонии муваққатии руҳӣ гирифтор шуда, ин ҳолат додани хулосаро оид ба ҳолати руҳии ӯ дар вақти содир кардани кирдори ба

ҷамъият хавфнок ғайриимкон гардонидааст, пешбурди парванда тибқи талаботи қисми 3 моддаи 286 КМҶ то шифо ёфтани ӯ ё гирифтани хулосаи экспертиза боздошта шуда, масъалаи аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё ҷазо озод кардани шахс ҳал карда намешавад.

12. Шахсе, ки нисбат ба ӯ парванда оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ пеш бурда мешавад, агар мувофиқи хулосаи экспертизаи судии равонпизишкӣ хусусият ва дараҷаи вазнинии бемории ӯ ба ин монеъ нагардад, метавонад ҳуқуқҳои пешбининамудаи моддаи 47 КМҶ-ро истифода барад (моддаи 442 КМҶ). Дар ин маврид хулосаи коршиносоне, ки дар гузаронидани экспертизаи судии равонпизишкӣ иштирок кардаанд ва дар ҳолати зарурӣ хулосаи тиббии шифохонаи бемориҳои руҳӣ ба назар гирифта мешаванд. Ҳуҷҷатҳои тиббии номбурда барои суд пешакӣ қувваи муайянкунандаро надошта, дар маҷмӯъ бо дигар далелҳо бояд баҳо дода шаванд.

13. Мутобиқи қисми 1 моддаи 443 КМҶ яке аз хешовандони наздики шахсе, ки нисбат ба ӯ парванда доир ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ пеш бурда мешавад бо қарори муфаттиш ё прокурор ва ё таъиноти суд намояндаи қонунии шахси мазкур дониста шуда, барои иштирок дар парванда ҷалб карда мешавад. Мафҳуми хешовандони наздик дар моддаи 6 КМҶ пешбинӣ шудааст.

Дар сурати надоштани хешовандони наздик ё даст кашидани онҳо аз иштирок дар парванда, ба сифати намояндаи қонунӣ мақоми васояту парасторӣ эътироф карда мешавад. Иштироки намояндаи қонунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳатмист.

Ба намояндаи қонунӣ имконияти амалӣ намудани ҳуқуқҳояшро, ки дар қисми 2 моддаи 443 КМҶ пешбинӣ гардидаанд, аз ҷумла ҳуқуқи иштирок дар мурофиаи судӣ, баён кардани дархостҳо ва раддияҳо, пешниҳоди далелҳо, шикоят аз таъиноти суд ва гирифтани нусхаи қарорҳои шикоятшуда, аз шикоятҳо ва эътирозҳои оид ба парванда овардашуда донистан ва пешниҳод кардани норозигии худ доир ба онҳо, дар баррасии судии шикоятҳо ва эътирозҳо иштирок намудан шароит муҳайе карда шавад. Ғайр аз ин, ба намояндаи қонунӣ бояд ҳуқуқи пешниҳод кардани дархост дар бораи тағйир ё қатъ намудани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ва иштирок дар баррасии он тибқи талаботи моддаи 451 КМҶ фаҳмонида шавад.

Дар ҳолатҳои зарурӣ суд метавонад намояндаи қонунии шахсеро, ки нисбаташ парванда оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ баррасӣ мегардад, ба сифати шоҳид бо розигии худи ӯ пурсиш намояд. Дар ин бора қарор (таъинот) бароварда, ҳуқуқҳояш, ки дар қисми 3 моддаи 56 КМҶ пешбинӣ шудаанд, фаҳмонида мешавад. Ҳангоми пурсиш намояндаи қонунӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан танҳо барои додани гувоҳии бардурӯғ огоҳонида мешавад.

Агар намояндаи қонунӣ бар зарари манфиати шахсе, ки нисбаташ парванда оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ баррасӣ мегардад, амал намояд, он гоҳ ӯ аз иштирок дар парванда дур карда шуда, ба ҷояш дигар хешованди наздики дар моддаи 6 КМҶ дарҷгардида ва дар сурати набудани чунин хешовандони наздик намояндаи қонунӣ мақоми васояту парасторӣ эътироф карда мешавад.

14. Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки иштироки ҳимоятгар дар пешбурди парванда доир ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ аз лаҳзаи муқаррар шудани далели номукаллафӣ ё бемории руҳии шахсе, ки нисбат ба ӯ тафтиш гузаронида мешавад, агар ҳимоятгар қаблан аз рӯи асосҳои дигар дар парванда иштирок накарда бошад, ҳатмист. Даст кашидан аз ҳимоятгар бо ин парвандаҳо набояд қабул карда шавад. Вайрон гардидани талаботи мазкур дар рафти тафтиши пешакӣ, асос барои баргардонидани парванда ба тафтиши иловагӣ мегардад (моддаҳои 51, 264, 375, 444 КМҶ).

Парвандаҳои номбурда бо иштироки ҳатмии прокурор баррасӣ карда мешаванд.

15. Агар парванда ба суд барои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дохил шуда бошад ва бемории руҳии шахс муқаррар нашуда, ё бемории шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, таъини ҷазоро нисбат ба ӯ бартараф накунад, суд бо таъинот парвандаро барои гузаронидани тафтиши иловагӣ бармегардонад (қисми 5 моддаи 449 КМҶ).

16. Диққати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки агар дар рафти муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятии бо фикри айбдорӣ воридшуда муайян гардад, ки судшаванда дар вақти содир кардани кирдор дар ҳолати номукаллафӣ қарор дошт ё ин ки пас аз содир кардани ҷиноят ба бемории руҳие гирифтор шудааст, ки имконияти воқеии хавфи ҷамъиятӣ доштани кирдори (ҳаракати ё беҳаракатии) худро дарк ё идора

намудани онро надорад, суд бо эътирофи исбот шудани он ки ҷиноят аз тарафи шахси мазкур содир шудааст, доир ба озод кардани ин шахс мутаносибан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё аз ҷазо ва дар бораи нисбат ба ӯ татбиқ кардани чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ва маҳз кадом чора таъинот мебарорад.

Дар ин маврид бояд дар қисми асосноккунии таъинот ҳолатҳое, ки суд ҳангоми таҳқиқи далелҳо муқаррар намудааст бо додани баҳои ҳуқуқӣ ба ҳаракатҳои ин шахс, асосҳои қабули чунин қарор инъикос карда шаванд. Дар қисми хулосавии таъинот бошад, масъалаҳо оид ба озод кардани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё ин ки аз ҷазо, таъини намуди мушаххаси чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ, бекор кардани чораи пешгирӣ (агар он қаблан бекор нашуда бошад), тақдири далелҳои шайъӣ ҳал карда мешаванд.

17. Бояд ба инобат гирифт, ки ҳангоми содир кардани кирдори ба ҷамъият хавфноки дар КҶ пешбинишуда аз тарафи якчанд шахс, суд метавонад дар як маврид масъалаи гунаҳгории яке аз онҳоро баррасӣ карда, нисбати дигараш, ки кирдорро дар ҳолати номукаллафӣ содир кардааст ё ин ки пас аз содир кардани ҷиноят ба бемории руҳие гирифтор шудааст, ки имконияти хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии кирдори (ҳаракати ё беҳаракатии) худро дарк ё идора намудани онро надорад, дар бораи татбиқ намудани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ таъинот барорад.

18. Нисбати шахсони дар қисми 1 моддаи 97 КҶ номбаршуда, ки ҷинояти начандон вазнин содир намудаанд, инчунин шахсоне, ки аз рӯи ҳолати руҳияшон хавфе надоранд, суд доир ба қатъи пешбурди парванда ва дар хусуси татбиқ накардани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ қарор бароварда (қисми 2 моддаи 449 КМҶ), метавонад маводҳои заруриро ба мақомоти тандурустӣ барои ҳалли масъалаи табобати ин шахсон ё фиристонидани онҳо ба муассисаҳои бемориҳои руҳу асаб мувофиқи тартиби муқарраршудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намояд (қисми 3 моддаи 97 КҶ).

Агар суд эътироф намояд, ки иштироки шахс дар содир кардани кирдор исбот нашудааст, ҳамчунин дар сурати муқаррар намудани ҳолатҳои дар моддаҳои 27 ва 28 КМҶ пешбинишуда, доир ба қатъи пешбурди парванда аз рӯи асоси аз ҷониби он муқарраргардида, сарфи назар аз вуҷуд доштани бемрӣ ё хусусияти бемории шахс таъинот (қарор) мебарорад.

Дар сурати қатъи пешбурди парванда бо асосҳои дар боло зикршуда, нусхаи қарори суд дар муҳлати панҷ шабонарӯз ҷиҳати ҳалли масъалаи табобат ба мақомоти тандурустӣ ё ба муассисаи равонпизишкӣ фиристодани шахсоне, ки ба ёрии равонпизишкӣ муҳтоҷанд, фиристода мешавад.

19. Суд шахсеро, ки баъд аз баромадани ҳукм ба бемории руҳие гирифтор шудааст, ки ин беморӣ имконияти дарки воқеии амалҳои худ ва идора кардани онҳоро намедиҳад, аз ҷазо ё адои минбаъдаи он озод мекунад. Ба чунин шахс суд метавонад чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббиро таъин намояд (қисми 1 моддаи 79 КҶ).

Дархост дар бораи озод кардан аз адои минбаъдаи ҷазо бинобар ба бемории руҳӣ гирифтор шудан аз ҷониби маҳкумшуда ё намояндаи қонунии ӯ ба суд тавассути маъмурияти муассиса ё мақоми иҷрокунандаи ҷазо пешниҳод мегардад. Дар сурати ғайриимкон будани мурочиати мустақилонаи шахси маҳкумшуда ё намояндаи қонунии ӯ, сардори муассиса ё мақоми иҷрокунандаи ҷазо чунин пешниҳодро манзур менамояд. Дар баробари дархост ё пешниҳоди зикргардида ба суд хулосаи комиссияи духтурони бемориҳои руҳӣ ва парвандаи шахсии маҳкумшуда фиристонида мешаванд. Хулосаи комиссияи духтурони бемориҳои руҳӣ аз ҷониби суд бояд мавриди санҷиши ҳаматарафа ва баҳодиҳӣ қарор дода шавад. Агар оид ба дурустии хулосаи номбурда шубҳа ба миён ояд, суд бо дархости шахсони иштирокчии парванда ё бо ташаббуси худ метавонад экспертизаи судии равонпизишкӣ таъин намояд, инчунин ҳуҷҷатҳои иловагиро талаб карда гирад.

Баррасӣ ва ҳалли масъалаи мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 401 КМҶ ва бо таъмини кафолати ҳуқуқи шахсе, ки нисбаташ парванда оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ пеш бурда мешавад, амалӣ карда мешавад. Агар шахс вобаста ба ҳолати руҳиаш имконияти бевосита дар суд амалӣ намудани ҳуқуқҳои мурофиавиашро доро бошад, дар маҷлиси судӣ ҳуқуқи иштирок намуданро дорад.

Бояд дар назар дошт, ки маҳрум кардан аз чунин ҳуқуқ ба таври ҷиддӣ вайрон намудани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, асос барои бекор кардани санади судӣ мегардад (моддаи 375 КМҶ).

20. Ба таъиноти суд ҳимоятгар, ҷабрдида ва намояндаи ӯ, инчунин намояндаи қонунии шахсе, ки нисбат ба ӯ парванда

баррасӣ гардидааст, инчунин прокурор мувофиқи қоидаҳои дар боби 38 КМҶ пешбинишуда метавонанд шикоят ё эътироз пешниҳод намоянд (моддаи 450 КМҶ).

Шахсе, ки нисбаташ парванда оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ баррасӣ мегардад, ҳуқуқ дорад дар маҷлиси суди марҳилаи кассатсионӣ низ шахсан иштирок намояд. Иштироки чунин шахс танҳо дар мавриде имконпазир аст, ки агар вобаста ба ҳолати руҳиаш имконияти шахсан иштирок намудан дар маҷлиси судиро дошта бошад. Дар ин ҳолат хулосаи коршиносоне, ки дар гузаронидани экспертизаи судии равонпизишкӣ иштирок доштанд ва дар ҳолати зарурӣ хулосаи тиббии муассисаи беморхонавии равонпизишкӣ ба инобат гирифта мешавад.

21. Судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ метавонанд намуди чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббии татбиқшударо ба намуди нисбатан сабуктар иваз намоянд ё ин ки дар асоси шикояти кассатсионии ҷабрдида ё эътирози кассатсионӣ ҳангоми ҷой доштани асосҳо барои татбиқи намуди нисбатан вазнини чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ қарори суди марҳилаи якумро бекор карда, парвандаро барои муҳокимаи нави судӣ фиристанд.

**22. Тибқи талаботи қисмҳои 3 ва 4 моддаи 187 Кодекси тандурустӣ, пас аз шаш моҳи дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ ҷой додани шахси бемор, хулосаи комиссия дар бораи зарурати табобати минбаъда дар беморхона бе розигии ӯ аз ҷониби роҳбари беморхона ба суд, ки бо ҳалномаи худ метавонад табобати беморхонавиро тамдид намояд, фиристода мешавад.**

**Минбаъд тамдид намудани муҳлати табобати беморхонавӣ ҳар шаш моҳ аз ҷониби суд амалӣ карда мешавад. Тартиби мазкур, инчунин нисбат ба шахсоне, ки бо таъиноти суд маҷбуран табобат меёбанд, татбиқ мегардад.**

**Мутобиқи қисми 1 моддаи 451 КМҶ суд бо пешниҳоди маъмурияти муассисае, ки ёрии равонпизишкӣ мерасонад ва хулосаи комиссияи равонпизишкон татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро қатъ менамояд, тағйир медиҳад ё муҳлати онро шаш моҳи дигар дароз мекунад.».**

23. Бояд ба инобат гирифт, ки мутобиқи қисми 2 моддаи 451 КМҶ масъалаҳои дароз кардани муҳлат, тағйир додан ва қатъ намудани татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ аз тарафи суде, ки дар бораи татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ қарор баровардааст ё аз ҷониби суди маҳалли татбиқи ин чора дастаҷамъона баррасӣ карда мешаванд.

Ба шахсе, ки нисбаташ масъалаи қатъ намудан, тағйир додан ва ё дароз кардани муҳлати татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ баррасӣ мегардад, ҳуқуқи бевосита дар маҷлиси суд иштирок намудан бояд таъмин карда шавад, агар мувофиқи хулосаи тиббӣ вазъи руҳиаш чунин имкониятро диҳад.

Агар ҳолати руҳии шахс барои шахсан иштирок намудан дар маҷлиси судӣ, ки дар бинои суд гузаронида мешавад, монеъ гардад, ба судҳо тавсия дода мешавад, ки маводи дахлдорро дар шифохонаи бемориҳои руҳӣ баррасӣ намоянд.

Дар маҷлиси судӣ пешниҳоди муассисаи тиббӣ, хулосаи комиссияи равонпизишкӣ таҳқиқ карда шуда, ақидаи шахсони иштирокчии парванда шунида мешавад. Агар хулосаи комиссияи равонпизишкӣ мавриди шубҳа қарор гирад, суд бо дархости шахсони дар парванда иштироккунанда ё бо ташаббуси худ метавонад экспертизаи судию равонпизишкӣ таъин намояд, ҳуҷҷатҳои иловагиро талаб карда гирад, ҳамчунин шахсеро, ки нисбат ба ӯ масъалаи қатъ намудан, тағйир додан ё дароз кардани муҳлати татбиқи чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ баррасӣ мегардад, ба шарте, ки аз рӯи ҳолати руҳии ӯ имконпазир бошад, пурсиш намояд.

24. Суд чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббиро дар сурати чунин вазъи руҳии шахс, ки ба татбиқи чораи пештар таъиншуда зарурат боқӣ намонда бошад ё зарурати таъини чораи дигари дорои хусусияти тиббӣ ба миён ояд, қатъ мегардонад ё тағйир медиҳад.

Дар баробари ин, ҳангоми ҳалли масъалаи қатъ намудани табобати маҷбурӣ суд натанҳо воқеияти аз ҷониби шахс гузаштани давраи муолиҷа, балки маҷмӯи маълумотҳои тасдиқкунандаро оид ба он ки зарурати табобати маҷбурӣ аз байн рафтааст, бояд ба эътибор гирад.

Муҳлати табобати маҷбурӣ дар сурати мавҷуд набудани асосҳо барои қатъ намудан ё тағйир додани чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дароз карда мешавад.

25. Агар ба ҳолати руҳии шахсе, ки нисбаташ чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дар намуди назорати маҷбурии амбулаторӣ ва табобат дар назди духтури бемориҳои руҳӣ таъин гардидааст, тағйирот рӯй диҳад, ки зарурати ҷой кардани ӯро дар шифохонаи бемориҳои руҳӣ барои табобати маҷбурӣ талаб кунад, он гоҳ суд метавонад намуди чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббиро иваз намояд.

Судҳо бояд ба инобат гиранд, ки чунин ивазкунӣ дар ҳолати мавҷуд будани маълумот оид ба хусусияти бемории руҳии шахс, ки табобат, нигоҳубин, нигоҳдорӣ ва назоратро дар шароити шифохона талаб мекунад, имконпазир мебошад. Дар таъиноти суд бояд ҳолатҳое дарҷ карда шаванд, ки вазъи руҳии шахс баъди татбиқ гардидани чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ тағйир ёфта, ӯ барои худ ва шахсони дигар хавфноктар гардидааст.

26. Ҳангоми баррасии дархост ва пешниҳод оид ба дароз кардани муҳлат, тағйир додан ва қатъ намудани татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ, суд бояд асоснокии дархост, натиҷаи табобати гузаронидашударо мавриди санҷиши амиқ қарор дода, масъалаи зарурати назорат ва табобати минбаъдаро ҳал намояд.

Татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро нисбати шахси руҳан бемори пурра шифонаёфта қатъ намуда, суд метавонад чунин шахсро барои ҳалли масъалаи тибқи асосҳои умумӣ табобат кардан ба мақомоти тандурустӣ ё ба муассисаи равонпизишкӣ фиристад ё ин ки ӯро бо шарти назорати ҳатмии духтурон ба парастории хешовандон ё васиён диҳад.

27. Агар шахси баъди содир кардани ҷиноят ба бемории руҳӣ гирифторшуда, ки нисбаташ чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ татбиқ шуда буд, аз ҷониби комиссияи тиббии равонпизишкӣ шифоёфта эътироф гардад, суд дар асоси хулосаи муассисаи тиббӣ бо тартиби пешбининамудаи моддаи 400 КМҶ оид ба қатъи татбиқи чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ таъинот мебарорад ва масъаларо доир ба гузаронидани таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ, ҷалби шахси мазкур ҳамчун айбдоршаванда ва бо тартиби умумӣ ба суд додани парвандаро ҳал мекунад, агар муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан нагузашта бошад.

Вақти дар муассисаи табобатӣ гузаронидаи шахс ба муҳлати адои ҷазо ба ҳисоби як рӯзи дар шифохонаи бемориҳои руҳӣ баробар ба як рӯзи маҳрум сохтан аз озодӣ ҳисоб карда мешавад.

Ҳангоми таъини ҷазои ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда тибқи мазмуни қисми 4 моддаи 70 КҶ муҳлати адонагардидаи ҷазо ба ҳисоби як рӯзи дар беморхонаи руҳӣ будан ба ҳисоби ду рӯзи маҳдуд кардан аз озодӣ, се рӯзи корҳои ислоҳӣ ё маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва ҳашт соати корҳои ҳатмӣ ҳисоб карда мешавад.

Агар вақти дар шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ будани шахс аз мӯҳлати ҷазо зиёд бошад, суд дар баробари қатъ намудани татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ шахсро аз адои ҷазо озод мекунад.

28. Ба шахсоне, ки барои дар ҳолати мукаллафӣ содир намудани кирдорҳои пешбининамудаи КҶ маҳкум шудаанд, вале ба табобати майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикомания, бемории сил ва ё бемориҳои рӯҳии мукаллафиро истиснонакунанда эҳтиёҷ доранд, суд дар баробари ҷазо чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббиро дар шакли назорати маҷбурии амбулаторӣ ва табобатро дар назди духтури бемориҳои рӯҳӣ таъин карда метавонад.

Дар чунин ҳолат чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дар маҳалли адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ва нисбати шахсони ба намудҳои дигари ҷазо маҳкумшуда бошад, дар муассисаҳои тиббие ба иҷро расонида мешаванд, ки ба беморони рӯҳӣ кӯмаки амбулатории равонпизишкӣ мерасонанд.

Дар асоси хулосаи комиссияи духтурони бемориҳои рӯҳӣ суд метавонад чунин шахсро ҷиҳати табобат ба шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ ё муассисаи дигари табобатӣ фиристад, агар ин ба ҳолати рӯҳии маҳкумшуда асос ёфта, ба манфиати табобат бошад.

Вақти табобат дар муассисаҳои номбурда ба мӯҳлати адои ҷазо ҳисоб карда мешавад. Дар ҳолати аз байн рафтани зарурати табобати маҳкумшуда дар муассисаҳои номбурда, ӯ бо қарори суд мувофиқи тартиби пешбининамудаи қисми 4 моддаи 103 КҶ барои адои мӯҳлати боқимондаи ҷазо фиристода мешавад.

29. Диққати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ҳангоми ҷиноят содир намудани шахсони гирифтори майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикомания ё бемориҳои сил дар ҳолати мавҷуд будани хулосаи тиббӣ тибқи талаботи моддаи 101 КҶ дар баробари ҷазо ба онҳо чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ бо дарназардошти муқаррароти **Кодекси тандурустӣ** таъин карда мешавад.

Шахсоне, ки ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда маҳкум шудаанд, дар муассисаҳои тиббӣ маҷбуран, шахсоне, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, дар маҳалли адои ҷазо ва пас аз озод шуданашон, дар ҳолати ҷой доштани зарурат барои идома додани табобат,

тибқи асосҳои умумӣ дар муассисаҳои тиббӣ табобат карда мешаванд.

30. Ба судҳо зарур аст, ки агар ҳангоми баррасии судии парвандаҳо оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ вайронкунии ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд, инчунин риоя накардани муқаррароти қонун, ки зимни пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, баррасии судӣ ошкор карда шаванд, нисбат ба онҳое, ки ба камбудӣ роҳ додаанд, таъиноти (қарори) хусусӣ қабул намоянд.

Раиси Пленум
Раиси Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Шоҳиён

Котиби Пленум
судяи Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳакимова С.А.